Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Эҷодкорӣ шакли олии фаъолияти ақлӣ, мустақилият, қобилияти эҷод кардани чизи нав мебошад. Сатҳ ва дараҷаи эҷод метавонад гуногун бошад, аммо дар ҳама ҳолатҳо пайдоиш ва кашфи чизи нав вуҷуд дорад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия чунин қайд мекунад, ки ташаккули шахсияти эҷодкор яке аз муҳимтарин вазифаҳои назария ва амалияи педагогӣ, психологӣ ва фарҳангӣ дар марҳалаи имрӯза мебошад. Ҳалли ин масъала бояд аз синни томактабӣ оғоз карда шавад, зеро маҳз дар ҳамин синну сол кӯдакон дорои иқтидори бузурги тахайюл, ташаббус, бештар нишон додани маҳорат, худшиносӣ ва эҷодӣ мебошанд.

Фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакони синни томактабӣ яке аз намудҳои ҷолиб ва шавқовар мебошад. Вай кӯдаконро ба ҳаяҷон оварда, эҳсосоти мусбӣ ворид месозад. Фаъолияти тасвирӣ барои тарбияи ҳаматарафаи кӯдакони синни томактабӣ аҳамияти калон дорад. Ва ба мисли ҳама гуна фаъолияти маърифатӣ барои тарбияи равонии кӯдакон замина фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки дар фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ тасвири тахайюл аз унсурҳои аз таҷрибаи ҳаётӣ гирифташуда инъикос меёбанд. Асосан тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ нисбат ба калонсолон заифтар аст. Аз тарафи дигар, таҷрибаи кофӣ ва маҳдудиятҳои шуур низ дар офаридани тасвир нақши худро мегузоранд.

Тахайюлот дар инсон тамоми умр инкишоф меёбад. Дар айёми хурдсолӣ ривоҷ додани он дар оянда ба шахс таъсирҳои худро мегузорад. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон мехоҳанд ва чизеро тасвир созанд, ки ба фаҳмиши одамони дигар дастрас бошад.

Кӯдакони хурдсол ба ҳаракат кардан ва кунҷкобона назар кардан ба ашё ниёзи зиёд доранд. Ҳаракатҳои кӯдакон гуногун ва осори онҳо низ ҳаргуна мебошанд. Ҳар як кашфи чизи нав ва ғайриоддӣ диққати кӯдаконро ба худ ҷалб карда, ба эҷодкорӣ такони мебахшад. Агар ба тасвирҳои кӯдакон назар афканем мебинем, ки ҳар яке аз онҳо ба таври худ ва бо диди худ ашё ё ҳолатеро рӯйи коғаз тасвир кардааст. Онҳо намедонанд, ки дар тасвир чӣ дуруст аст ва чӣ нодуруст аст. Кӯдакон тавре ки бо дид ва бо тахайюли худ дарк мекунанд, тасвир месозанд.

Диссертант дар 3 марҳила, аз соли 2019-2023, корҳои пажӯҳишии худро ба анҷом расонида, тавассути омӯзиш, таҳлили сарчашмаҳои гуногуни ҷомеашиносӣ, психологию педагогӣ вазъи таҳқиқи проблема, назария ва амалияи онро хуб ошкор намудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот хеле назаррас мебошад. Тавре ки омӯзишҳои адабиёт ва манбаъҳои боэътимод нишон медиҳанд, мавзуи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ба имрӯз ба таври лозимӣ омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ масъалаи матраҳшавандаро мавриди озмоиш қарор дода, дар ин самт ба муваффақиятҳои шоиста ноил гардидааст.

Диссертант тавонистааст, раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ бо хулосаҳо, таҳлилҳо ва натиҷаҳо намоён инъикос намояд. Ӯ иброз медорад, ки машғулиятҳои тасвирӣ фаъолияти минбаъдаи кӯдаконро ба танзим даровардa, тахайюл, ҳолати равонӣ, эмотсионалӣ, ҳиссӣ ва эҷодии онҳоро тақвият мебахшад.

Дар кори таҳқиқотӣ адабиёти педагогӣ ва психологӣ оид ба муайян намудани асосҳои назариявию методологии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ, асосҳои назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣмавриди баррасӣ қарор ёфта, ҷараёни баргузории озмоишҳои педагогии асоснок намудани самаранокии фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ коркард ва мавриди тасвибу озмоиш қарордодашуда натиҷагирӣ ва шарҳу тавсиф шудаанд.

Мақсади таҳқиқот ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои назариявии шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси барномаи таҳиягардидаи педагогӣ мебошад.

Навгонӣ илми таҳқиқот.

- мафҳуми «инкишофи эҷодкорӣ дар фаъолияти тасвирӣ» мушаххас карда шуда, шароитҳои педагогию равонии рушди он дар синни томактабӣ муайян гардид;

- муайян ва мушаххас гардид, ки омилҳои асосии педагогиву равонии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ бедор намудани шавқу завқ ва рағбат буда, аз тарафи дигар дастгирӣ ва ҷонибдории калонсолон бо мақсади бартараф кардани ҳолатҳои эҳсосӣ ва аксуламалҳои онҳо, фароҳам овардани фазои мусоид барои зуҳури эҳсосот ва рафъи ҳолатҳои ҳаётан муҳим мебошанд;

- дар ҷараёни инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ ва роҳандозии барномаи педагогӣ барои мукаммал гардонидани раванди эҷодӣ тадбирҳо андешида шуданд;

- барои бедор намудани қобилияти эҷодии мусаввирии кӯдакони кӯдакистонҳо метавон аз барномаҳои махсуси телевизионӣ оид ба нақшофаринӣ ва тасвир истифода намуд. Тавассути шабакаи кӯдаконаи телевизонии "Баҳористон" шавқу ҳаваси кӯдакону наврасонро эҳё бояд кард. Бидуни ин барои кашидани расм маводҳо ва ашёи одии ҳаётиро манзури кӯдакон бояд намуд;

- инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси корҳои озмоиши ва натиҷаҳои ба даст омада аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шуданд;

- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмиши назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ вусъат медиҳанд;

- дар асоси қиёси меъёр ва нишондодҳои таҳқиқот имконият пайдо гардид, ки ба сатҳи самаранокии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва дар натичаи корҳои озмоишӣ бадастомада, метавонанд то ҳадди имкон ба ҳайси дастуру роҳнамо ва манбаи асосӣ дар таҳқиқи минбаъдаи малака ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, дар санъати тасвирӣ истифода мешаванд.

Раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба таври назариявӣ ошкор карда шуд. Омилҳои ботинӣ ва зоҳирии мунтазам ва дар шакли ҷудогона муайян гардиданд;

Инчунин, фаҳмиши педагогии имкониятҳо ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар шароити муассисаи томактабӣ васеъ мегарданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Маводҳо ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқот барои мукаммал намудани мундариҷаи кори муассисаҳои томактабӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

- воситаҳои босамари педагогии ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;

- роҳҳо ва усулҳои методикаи инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ дар таҷриба амалӣ карда шуданд;

- муносибатҳои педагогӣ ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;

- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд омӯзгорон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ барои инкишоф додани эҷодӣ кӯдакон истифода намоянд.

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

Мақолаҳои чопнамудаи диссертатант 8 номгӯй буда, аз онҳо 4-то дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, чоп гардидаанд ва муҳтавои диссертатсия дар онҳо ба таври шоиста дарҷ гардидааст.

Дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар он бархе камбудиҳои техникӣ дида мешаванд.

1. Хуб мешуд, агар натиҷаи корҳои озмоишӣ ба таври васеъ дарҷ карда мешуд.
2. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва мантиқӣ мушоҳида мегардад.

Аммо, қайд кардан лозим аст, ки ин камбудиҳо ҳаргиз арзиши илмии кори таҳқиқотии Пачаева Муҳаё Пулатовнаро коҳиш намедиҳанд. Боварӣ дорем, ки бо таҳрири ин камбудиҳои ҷузъӣ муҳассаноти кори илмӣ меафзояд.

Дар ҷамъбаст, қайд кардан мехоҳем, ки Пачаева Муҳаё Пулатовна мақсадҳои пешгузоштаашро пурра амалӣ намуда, кори илмии хубро анҷом додааст. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Пачаева Муҳаё Пулатовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забон ва фарҳангӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қ.Т.

13.09.2024

Имзои Хоҷаев Қ.Т.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

Маълумот барои тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел: +992(37) 234-88-02; 992(37) 234-88-24;